# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)»** аз рӯйи ихтисоси 6.1.-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.-Таърихи ватанӣ).

Мавзуи диссертатсионии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳим ва таҳқиқнашудаи таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, марҳилаҳои муҳими таъсисёбӣ, рушд ва ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилиро дар солҳои 1991-2024 дар бар мегирад. Боиси тазаккур аст, ки дар ибтидои Истиқлолияти давлатӣ яке аз масъалаҳои мубрам ин омодасозии кадрҳо барои талаботи Вазорати корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ маҳсуб меёфт. Мубрамии ин масъала дар он зоҳир мегардид, ки мутаассифона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон муассисаи олии таҳсилоти касбӣ барои омодасозии кадрҳо дар ин самт мавҷуд набуд. Танҳо ҳанӯз аз замони шуравӣ мактаби Душанбегии миёнаи махсуси милитсия амал мекард, ки талаботи Вазорати корҳои дохилиро барои таъмини кадрҳои афсарии дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ қонеъ карда наметавонист.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, махазҳои бойгонӣ, тьаҳқиқоти монографӣ, иттилооти воситаҳои ахбори омма, маҷаллаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мавзуи мазкурро таҳқиқ намуда, ҷанбаи таърихии онро муайян намудааст.

Рисолааи диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи ДДОТ ба номи С.Айнӣ омода гардида, аз сарсухан се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Мавзуи мазкур бори аввал дар низоми мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маорифи кишвар таҳқиқ гашта, барои ғанӣ гардонидани таърихи халқи тоҷик, бахусус таърихи милитсияи тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар сарсухани рисолаи диссертатсия масъалаҳои матраҳшаванда пурра арзёбӣ гардида, муаллиф мубрамияти мавзуро ба таври мушаххас баён намудааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз сарчашмаҳои таърихӣ, осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти омодасозии кадрҳо ба таври васеъ истифода намудааст. Услуби баёни рисола ба талаботи илмӣ пурра ҷавобгӯ буда, вобаста ба омодасозии кадрҳои мақомотии корҳои дохилӣ ва рушди минбаъдаи он бо талаботҳои муосири педагогӣ хулосаҳои худро дарҷ намудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи милитсияи тоҷик, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ ба таври васеъ истифода истифода шаванд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия ҳамчунин метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон, ҳифзи арзишҳои истиқлолият, ҷалби ҷавонон ба касби пурифтихори корманди милитсия истифода гарданд.

Муҳтавои андешаҳои муаллиф, хулосаҳои боварибахш, пешниҳоду таклифҳо оид ба рушди минбаъдаи муассисаҳои таълимии МКД дар автореферат пурра дарҷ гардиданд.

Дар рисола баъзан ғалатҳои техникӣ ба назар расиданд, ки ислоҳпазир буда, қимати илмии рисоларо коста намекунад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (!991-2024)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих омода мебошад.

Дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Аслонов Ҳ.З.

«Имзоми н.и.т., дотсент Аслонов Ҳ.З.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.
27.01.2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734019, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. 232 50 00; Факс: +992372325003
Сомона: www.ddzt.tj E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru